Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Эмомализода Навруз Эмомалӣ дар мавзуи "Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022).

Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шартнома ва яке аз усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, инчунин институти муҳими ҳуқуқи граждани маҳсуб ёфта, мазмуни асосии онро қабул намудани уҳдадорӣ дар назди кредитори дигар шахс барои пурра ё қисман иҷро намудани уҳдадориҳои он ташкил медиҳад. Дар ин замина дарвоқеъ зомин ба иҷрои уҳдадории шахси сеюм вазифадор набуда, балки дар он ҳолат ҷавобгар аст, ки уҳдадорӣ аз тарафи ҳамон шахс (қарздори асосӣ) иҷро нагардад.

Бояд тазаккур дод, ки рушди иқтисоди бозорӣ ва дастгирии бахши хусусӣ такондиҳандаи иқтисодиёт ва дар ин замина ташаккули муомилоти граждани гардида, зарурати омузиш ва истифодаи васеи тарзҳои гуногуни таъмини иҷрои уҳдадориро ба миён меорад. Биноан институти замонат бо гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои уфуқии пулию молӣ дар ҳуқуқи граждании мамлакат нақши муҳим пайдо намуда, дар ҳоли ташаккулу рушд қарор дорад. Яъне ташаккул ва инкишофи институти замонат ба низоми иқтисодӣ ҳар як давлат вобастагии зич дорад. Тавре маълум аст, институти мазкур дар қонунгузории граждании давраи Шӯравӣ низ мавҷуд буд, вале бо сабаби низоми иқтисодии он замон замонат аҳёнан истифода гардида, ба таври зарурӣ ташаккул наёфт.

Дар мавриди истифодаи тарзу усулҳои таъмини шароити муосид аз ҷумла таъмини иҷрои уҳдадориҳо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 иброз намуданд, ки: «Ҳукумати мамлакат ҳамаи захираву имкониятҳоро барои таҷдиду бунёди инфрасохтори иқтисодиву иҷтимоӣ, ворид намудани технологияҳои ҳозиразамон, ҳалли масъалаҳои вобаста ба соҳаҳои обу энергетика, махсусан, истифодаи манбаъҳои энергияи барқароршаванда ва татбиқи «иқтисодиёти сабз», фароҳам овардани фазои мусоид барои сармоягузориву соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ ва таъмини волоияти қонун сафарбар кардааст».

Ҳамчунин қобили зикр аст, ки дар шароити амалисозии иқтисоди рақамӣ, тамоюли ивазшавии қолабҳои рақамӣ имрӯзҳо дар ҳама соҳаҳо, аз он ҷумла иқтисодӣ мушоҳида карда мешавад ва иқтисоди миллии кишварҳои тараққикарда пурра ба роҳи рақамӣ гузаштаанд. Аз ин рӯ, дар ин самт тарзи таъмини шахсӣ ба монанди институти замонат метавонад, назар ба таъмини амволӣ бо рушди иқтисоди рақамӣ инкишоф ёфта, кредиторон аз сарсону саргардон шудан ва вақти зиёди худро дар судҳо гузаронидан озод мешаванд, ки ин ҳолат оғози марҳилаи нави рушди соҳаҳои иқтисодӣ дар кишвар хоҳад гашт.

Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21-уми декабри соли соли 2021 иброз намудаанд: «Рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ аз манбаи бонкӣ вобаста мебошад, вале то ҳанӯз дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, солимгардонии манбаи бонкӣ ва пешниҳоди қарзҳои дастрасу дарозмуддат мушкилоти зиёди ҳалталаб боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҷиҳати зиёд намудани қарзҳои имтиёзноки дарозмуҳлат, хусусан, барои соҳибкории истеҳсолӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои босифат бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва гузариши пурра ба

ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, инчунин, ҳарчи бештар ҷалб кардани сармояи дохиливу хориҷӣ ба манбаи бонкӣ тадбирҳои қатъӣ андешида шаванд».

Бо ин мақсад, давлат ва ҷомеаро зарурат пеш меояд, ки қонунгузории кишварро бо муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мувофиқ намуда, ба тамоюли иқтисодӣ рақамӣ омода гашта, сатҳи ҷаҳонбинии аҳолиро дар ин самт боз ҳам зиёд намояд. Маҳз бо дарназардошти мубрамияти масъалаи мазкур, институти замонат дар усулҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ яке аз усули қадимӣ ва бо маънои васеъ маънидод гардида, дар сатҳи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ инъикоси худро ёфтааст.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намуда, нуктаҳои илмии асоснок ва тавсияҳои амалии судмандро ҷиҳати рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва таҷдиди қонунгузории соҳа манзур намудааст, ки аз манфиат орӣ нестанд. Бе тардид натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда на танҳо аҳамияти назариявӣ доранд, балки дар амалия низ мумкин аст ба таври фаррох истифода бурда шаванд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 16 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 12 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки таҳқиқбаранда дар самти масъалаҳои мухталифи ҳуқуқи граждани, махсусан институти замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои илмии арзишмандро анҷом додааст, ки натиҷаи онҳоро метавон дар самтҳои алоҳидаи илми ҳуқуқшиносӣ мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии

муаллиф дар як қатор конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ироа гардидаанд, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Эмомализода Н.Э. дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои нодири таърихӣ-ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва давлатҳои хориҷӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои ҳал ва такмили қонунгузории соҳа баҳри ташаккулу рушди замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст.

Дар баробари дастовардҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд, аз он ҷумла, дар пешниҳоди чоруми назариявии худ диссертант қайд намудааст: “Давлат ҳамчун субъекти хусусиятноки муносибатҳои ҳуқуқи граждани ба шумор меравад, ки чунин ҳолат таъсири худро ба муносибатҳои вобаста ба шартномаи замонат бавуҷудомада низ мерасонад. Хусусиятҳои ҷудогонаи иштироки давлат ҳамчун субъектҳои муносибатҳои мазкур дар қонунгузорӣ пешбинӣ гардидааст. Ғайр аз ин, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои зериқонунӣ, инчунин дар шартномаҳои вобаста ба қарзи давлатӣ истилоҳи «замонат» кам истифода шуда, бештар ба ҷойи он мафҳуми «кафолат» истифода бурда мешавад, вале аз рӯи моҳият, тибқи қонунгузории граждании мамлакат истифодаи мафҳуми «замонат» дар ин ҳолатҳо дуруст мебошад (саҳ. 11). Аз унвонҷӯ мехостам фаҳмам, ки бо дарназардошти кадом унсурҳо давлатро субъекти хусусиятнок номида, дар шартномаҳои вобаста ба қарзи давлатӣ истифодаи истилоҳи «замонат»-ро тавсия намудааст.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Эмомализода Навруз Эмомалӣ ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Замонат дар ҳуқуқи граждании

Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Раиси Кумитаи Маҷлиси
намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба
тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Рустам Шоҳмурод

Имзои Рустам Шоҳмуродро тасдиқ менамоям:
мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
махсуси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Турахонов Ф.

3 августа соли 2022.